**Сухроби Рустам –**
**таҳқиқгари сиёсӣ**

# ҲУШДОРИ ТАКРОРӢ:ПИРУ ҶАВОНИ ТОҶИК БОЯД ОГОҲУ ОМОДА БОШАД!

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқолол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд буда, дар равандҳои имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи хос дорад. Тайи си соли охир Тоҷикистон бо фаъолияти сиёсати сулҳҷӯёна ва эҳтиром ба қонуну меъёрҳои байналмилалӣ имиҷи мусбии худро баланд бардошта, ҳифзу устувор нигаҳ дошта истодааст.

Вале имрӯз давлатҳо, созмонҳо ва гурӯҳакҳои манфиатҷӯе вуҷуд доранд, ки пайваста ба давлатҳои рӯ ба инкишоф нигоҳи манфӣ доранд. Бо ҳар роҳу восита мехоҳанд, ҳадафҳои зишти худро дар минтақаҳои ба онҳо муҳим амалӣ намоянд. Имрӯз яке аз силоҳҳои зарурӣ ва осон барои ингуна давлатҳои манфиатхоҳ расонаҳои иттилоотӣ ба шумор мераванд. Агар таъкид намоем, ки асри 21 асри ҷангҳои иттилоотӣ мебошад, хато нахоҳем кард.

Бинобар ин, дар ин самт давлатҳои абарқудрат маблағҳои зиёдро сарф менамоянд. Барои як расонаи “худӣ” ташкил намудан, миллионҳо маблағ сарф карда, бештар гурӯҳу нафарони “соҳибкасбу ҳувиятбохта”-и ҳамон давлатҳоеро сӯистифода менамоянд, ки онҷо манфиатҳо доранд. Аз эҳтимол дур нест, ки Тоҷикистон низ аз он давлатҳое ба ҳисоб меравад, ки дар рӯйхати абарқудратҳои манфиатҷӯ қарор дошта бошад. Ин аст, ки давлатҳои манфиатхоҳ дар тайи си соли охир, хусусан аз лаҳзаҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо ташкили ҷанги бародаркушӣ ва то имрӯз думболи ҳадафу ниятҳои бади худ мебошанд. Вале имрӯз давлати мо ҳам назари қудрати ҳарбӣ ва ҳам аз назари зарфияти иттилоотӣ қавӣ ва огоҳ мебошад. Ҳукумати мамлакати мо таҳти роҳбарии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва шахсиятҳои миллии мақомотҳои қудратӣ шабу рӯз талошу заҳмат кашида истодаанд, ки сулҳу субот ва оромиву осудагии давлату миллати мо таъмин бошад. Хусусан, дар ҳамин лаҳзаҳои ноороми ҳамсоякишвари мо Афғонистон, ки онҷо ҳокимияти террористии худхондаи Толибон ҳукумат дорад. Бояд қайд намуд, ки имрӯз дар Тоҷикистон чандин муассисаҳои иттилоотӣ ва хабарӣ кору фаъолият доранд, ки барои онҳо шароити кории мусоид фароҳам оварда шудааст. Тоҷикистон давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд буда, ба гуногунандешӣ дар доираи қонунҳои конститутссонӣ эҳтиром қоил аст. Ва дар мавриди фаъолияти расонаҳои давлативу ғайридавлатӣ ҳам имконияти расмӣ ва ҳам шароити кориро назорату муҳайё сохтааст.

Вале чӣ тавре, ки мушоҳида дорем, тайи солҳои ахир баъзе давлату расонаҳои хориҷӣ ба сиёсати дохилии кишвари мо дахолат намуда, бо дасисаҳо ба оромиву осудагии мардуми мо халал ворид намуда истодаанд. Онҳо дар асоси маълумотҳои туҳмату дурӯғи чандин созмону

гурӯҳакҳои экстремистиву террористӣ ва нафарони манфиатхоҳ бовар карда, ба Ҳукумати кишвари мо номаву изҳоротҳо дар интернет паҳну пахш намуда истодаанд. Радиои Озодӣ муассисаи ғайридавлатӣ буда, бо иҷозаи расмии Ҳукумати мо дар Тоҷикистон фаъолият дорад. Ҳама шароити кории ин муассисаро Ҳукумати Амрико таъмин менамояд, яъне аз пулу моли кормандон то шароитҳои техникиву технологии он. Махсусан, барои огоҳии дақиқтар доштани мардуми тоҷик бояд гуфт, ки муассис ва ё "криша"-и Радиои Озодӣ ва кормандони он Ҳукумати Амрико буда, аниқтараш дар хизмати Хадамотҳои махфии ИМА (SECRET SERVICE), аз ҷумла Раёсати Марказии Разведкаи ИМА (CIA ё ЦРУ), Бюрои Федералии Тафтишот (FBI) ва Агентии Иттилоотии Дифои (DIA) он мебошанд. Кулли дору дастаи Радиои Озодӣ аз ин мақомотҳои махфӣ буда, ҳатто кормандони марказии ин муасисса дидаву дониста дар хизмати онҳо мебошанд.

Баъзе рӯзноманигорони Радиои Озодӣ қонуну тартиботи расмии кишвари моро риоя накарда, ба забони тоҷикӣ (мақолаҳои ин расонаро хонда бошед, худ қазоват хоҳед кард), одату ойинҳои мардуми мо эҳтиром нагузошта, бо наворҳои таҳқиромез шаъну шарафи мардуми моро поймол карда, бо даъвои фаъолият мекунанд. Куҷо монд, эҳтиром ба арзишҳои демократӣ ва миллии давлати дигар, ки Амрико асрҳо даъво менамояд?! Бояд гуфт, ки ҳолати хиҷолатангез он аст, ки баъзе рӯзноманигорҳое, ки ба он арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои давлатӣ эҳтиром намегузоранд, ҳаммеҳану зодагони кишвари мо мебошанд. Шояд дидаву дониста, барои пулу мол шуда, МОДАР-ВАТАН ва ДАВЛАТИ худро фурухта истодаанд. Инчунин, бо фаъолияти рӯзноманигории "муваффақ" дар хизмати мақомотҳои махфии давлати дигар қарор доранд. Ҳамзамон, мехоҳам оиди расонаҳои дигаре, ки дар шабакаи интернет имрӯзҳо бо дасисаву туҳмату дурӯғҳо гуё "машҳуранд", ба монанди "Паём.нет", "Ислоҳ.нет", "Бомдод.ком" ва ғайра чанд ҷумлае зикр намоям. Аслан, ин расонаҳои иттилоотӣ набуда, манбаъҳои туҳмату дурӯғ ва бадбиниву таҳқири як кишвар ва як ҳаммиллати худ мебошанд. Ин манбаъҳои хабаррасон, мисли "кампиракҳои лаби об" буда, ба расонаҳои ҷанозахабаркуну фоҳишахонаҳо монанданд.

Муассисҳои ин хабаркашҳо, низ нафарони "ХОИНИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ" ва "ЗАРХАРИДОН"-и дар хизмати давлатҳои манфиатҷӯ ва созмону гурӯҳҳои террористӣ мебошанд. Кабириву Садриддину Салимпур аз нафарони бисёр хатарнок ва дасисабозу фиребгари Ҳизби наҳзати террористӣ ҳастанд, ки омодаанд ба ивази пулу мол ҳамватанон ва "мурид"-ҳои худро тиҷорат кунанд. Расонаҳои онҳо бо миллионҳо маблағҳои ҷудонамудаи хоҷаҳошон фаъолият дошта, "заказу", лоиҳаву бaромаҳои онҳоро татбиқ менамоянд. Ва онҳоро дар муқобили миллату ватани худ истифода менамоянд, то ки дар Аврупову Амрико мисли "ФАРИШТА" кайфу сафо карда бигарданд.

Хулоса, бояд ҳар як пиру ҷавони кишвари мо донад ва огоҳ бошад, ки ингуна расонаҳо ва нафарон ба ивази пулу мол дар хизмати давлатҳои манфиатхоҳ ва созмонҳои террористӣ ҳастанд. Ва омодаанд, ки дар ин фаъолияти шармандагии худ дигаронро шарик созанд. Аз ин лиҳоз, мебояд ҳар як нафари мо ҳушёру зирак буда, дигаронро низ аз он хабардор намоем.

https://www.facebook.com/share/p/4R8dxBNnr17RXoNb/?mibextid=oFDknk